**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «4» 02 соли 2021 № 31/ои ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии доктори илм ба Алиджанов Джамшед Абдукаюмович дар мавзӯи “Импортозамещающий экономический рост в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан)” аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ, бинобар риоя нагардидани талаботи банди 66 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва банди 32 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба Алиджанов Джамшед Абдукаюмович рад карда шавад.
3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Алиджанов Джамшед Абдукаюмович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ баъд аз 3 моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.
4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.
5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ (суратҷаласа аз 7 январи соли 2021, №10) ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021, протоколи №7.

Раис А. Розиқзода